**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**(734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14)**

## ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан ба диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

### 1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Таҳлили диссертатсияи баррасишаванда нишон медиҳад, ки мазмун ва моҳияти он ба сархатҳои 1, 4, 5, 9, 21-и Шиносномаи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

### 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Таҳқиқоти диссертатсионии Деҳқонов С.А. дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» бо Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳаммияти иҷтимоидошта баҳри рушди устувори ҷамоатҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018-2022, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Сангвор барои солҳои 2021-2025 ва Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки ба омилҳои рушди иқтисодию иҷтимоии

минтақаҳо равонаанд, алоқамандӣ дорад. Ба инобат гирифтани ин санадҳои меъёрӣ ҷанбаҳои амалӣ доштани кори тақризшаванда ва асоснокии корҳои анҷомдодаи муаллифро дар заминаи хулосабарориҳои илмӣ нишон медиҳад.

Мубрамии мавзуи интихобкардаи унвонҷӯ бо он асоснок мегардад, ки дар шароити авҷ гирифтани ноустувории молиявию иқтисодӣ дар ҷаҳон ва минтақаҳои алоҳидаи он, дастгирии давлатии соҳаҳои хоҷагии халқи вилояту минтақаҳо яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дастгирии мазкур, алалхусус тавассути татбиқи сиёсати молиявии ҳукумати мамлакат ба амал мепайвандад, ки усулҳо ва роҳҳои таҳқиқи он ба таври мушаххас баррасӣ гардидаанд.

Унвонҷӯ дуруст қайд намудааст, ки давлат барои танзими рушди минтақаҳои кишвар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, асосан диққати худро ба ҳавасмандсозии рушди вилоятҳои қафоманда равона ва сабабҳои дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодиро муайян мекунад. Яке аз чунин минтақаҳое, ки дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ аз дастгирии давлатӣ баҳравар гардидааст, минтақаи Рашт мебошад ва диссертатсия дар мисоли он иҷро шудааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Дастовардҳои беназири унвонҷӯро дар сатҳи таҳқиқоти илмӣ вобаста ба натиҷаҳои бадастовардашуда аз рӯйи навгонии илмии диссертатсия мушаххасан мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методии танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа, пешниҳоди таърифи муаллифии он, асоснок гардидани мавқеи муаллиф оид ба он, ки танзиму дастгирии давлатӣ омили рушди иқтисодии минтақаи дотатсионӣ шуда метавонад.

2. Пешниҳод ва асоснок гардидани роҳҳои баландбардории нақши давлат дар рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа бо истифода аз

таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, тавсифи нишондиҳандаҳои молиявӣ, арзёбии таъмини захираҳои рушди иқтисодии минтақа.

3. Таҳия ва пешниҳод шудани механизми танзим ва дастгирии минтақа аз ҷониби давлат дар шароити иқтисодии муосир ва роҳҳои баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, ташаккул ва инкишофи он, ироа ва асосноккунии шартҳои муҳимми ҷалби сармоягузориҳо.

4. Ошкор ва асоснок шудани омилҳои ба рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт ва таъмини буҷетҳои маҳаллии минтақаи мавриди таҳқиқ таъсиррасон (саҳ.118-131).

5. Пешниҳод ва асоснок намудани таъсиси корхонаҳои хурду миёна, бунёди минтақаи озоди иқтисодии Рашт дар заминаи ташкил ва тавсеаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ (саҳ.131-145).

6. Таҳия ва пешниҳоди модели регрессионии арзёбии рушди иқтисодии минтақа ва дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодию молиявӣ бо такя ба таҳлили оморию эконометрикӣ ва дар ин асос нишон додани ҳамбастагии байни нишондиҳандаҳои маҳсулоти умумии минтақа, маҳсулоти умумии кишоварзӣ, ҳаҷми гардиши савдо ва даромади умумии минтақаи мавриди таҳқиқ.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақавӣ аҳамияти амалии худро дорад, зеро то ҳол вазъи муосири иқтисодии ноҳияҳои минтақаи Рашт ва нақши давлат дар танзим ва дастгирии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд. Аз ин рӯ, асосноккунии танзим ва дастгирии давлатӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа зарурати интихоби кори таҳқиқотиро муайян мекунад. Ҳамчунин, унвонҷӯ дар доираи мавзуи мазкур ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи эътимоднокии танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)

омӯзишу таҳлилҳо гузаронидааст, ки он дар диссертатсия мушоҳида мегардад. Қобили қайд аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баробарсозии рушди соҳаҳои хоҷагии халқи вилояту минтақаҳо тавассути дастгирии давлатии буҷетию молиявӣ, ҳукумати кишвар тавонист дар муддати зиёда аз се даҳсолаи Истиқлолияти давлатӣ шароити мусоид барои рушди вилояту минтақаҳо фароҳам оварад. Дар заминаи танзими давлатии рушд, тавассути татбиқи имконоти буҷетӣ ва суботи вазъи иқтисодӣ, коҳиши сатҳи тафриқаи рушди иқтисодии байни минтақаҳо таъмин гардид, ки натиҷаи инро дар қисмати таҳлилии таҳқиқоти унвонҷӯ баръало мушоҳида кардан мумкин аст (саҳ. 59-99).

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯро омӯзиш ва баррасии назарияи иқтисодӣ, иқтисодиёти минтақавӣ ва асарҳои классикони илми иқтисод, олимони ватанию хориҷӣ оид ба рушди иқтисодии минтақаҳо ташкил дода, кор дар асоси онҳо таҳия шудааст. Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки аҳамияти таҳқиқи мавзуи номбурда дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастовардаро олимону коршиносони бо соҳаи рушди иқтисодиёти минтақавӣ машғулбуда метавонанд мавриди баррасӣ қарор диҳанд, зеро бе рушди иқтисодии минтақаҳо рушди иқтисодии кишвар ғайриимкон аст. Омӯзиши муаммоҳои назариявии мавзуи таҳқиқотӣ ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, зарурати танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, шакл ва усулҳои танзим, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар таъмини захираҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ нигаронида шуда, муаммоҳои минтақаҳои суст тараққикардаро инъикос менамояд. Дар ҳошияи таҳқиқи ин масъала бояд гуфт, ки унвонҷӯ як қатор равишҳои амалӣ ва натиҷавии масъалаи мазкурро дар таҳлилҳои боби дуюм ва дурнамои рушди онро дар боби сеюм бо моделҳои дурнамо дар шакли умум пешниҳод намудааст (саҳ. 83, 118-131).

Аҳамияти амалии диссертатсияи унвонҷӯ дар натиҷаҳои илмӣ ва амалии таҳқиқоти чандинсолаи муаллиф ҷиҳати дарёфти роҳҳои мусоидати рушди минтақаҳо, хусусан минтақаи Рашт зоҳир мегардад. Таҳқиқи илмии кори диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки муаммоҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи Рашт дар шароити муосири иқтисодӣ ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбад. Барои рушди минтақаҳо имкони истифодабарии натиҷаҳои бадастоварда ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, ташаккул ва иҷроиши буҷетҳои минтақавӣ барои афзоиши иқтидори андозӣ ва молиявӣ ва як қатор масъалаҳои дигар ташкил медиҳад. Ҳамчунин (дар диссертатсияи унвонҷӯ ҳамчун ҷанбаи асосноккунӣ) натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди такмили рушди иқтисодии минтақавӣ, ҳавасмандгардонии сиёсати молиявӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таъсиси корхонаҳои хурду миёна, рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияҳои минтақаи Рашт истифода намуд. Дар ин баробар як қатор масъалаҳои дигарро низ натиҷаи аҳамияти амалии диссертатсия гуфтан мумкин аст (саҳ. 59-158).

**5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** Ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот - таҳияи мавзуи илмӣ ва нақшаи корӣ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, иҷрои мақсад ва вазифаҳои гузошташуда аз ҷониби муаллиф шахсан ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф асосҳои назариявӣ ва методии танзими давлатии рушди иқтисодии минтақа дар шароити муосир, вазифа, шакл ва самаранокии усулҳои танзими давлатии рушди иқтисодии минтақа, таҷрибаи хориҷии танзими давлатии иқтисоди минтақавӣ ва имконияти истифодаи он дар Тоҷикистон, ҳолати муосири сатҳи рушди иқтисодӣ - иҷтимоии минтақаи Рашт, арзёбии рушди иқтисодии минтақа бо истифода аз моделҳои эконометрикӣ, имкониятҳои молиявии минтақа ва ҳавасмандгардонии буҷети маҳал ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ, дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию

молиявии минтақаи Рашт дар давраи миёнамуҳлат, шарикии давлат бо бахши хусусӣ ҳамчун механизми иқтисодии рушди минтақаи Рашт, зарурат ва роҳҳои ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Раштро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Илова бар ин, фарзияи таҳқиқоти унвонҷӯ низ дар шароити имрӯза хусусияти баланди татбиқшавӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ ба таври мушаххас пешниҳод гардидаанд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Қайд кардан зарур аст, ки хулосаҳо ва муқарраротн асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар 16 мақола дар ҳаҷми умумӣ 6,1 ҷузъи чопӣ инъикос гардидаанд, аз он ҷумла 7-тои он дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст, ки феҳристи интишороти унвонҷӯ аз он шаҳодат медиҳад (саҳ 179-181).

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Расмиётҳои стандартии таҳқиқоти унвонҷӯ мувофиқи талаботҳои Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, мушаххасан пешниҳод шудаанд. Дар робита ба он, диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 158 номгӯйро дар бар мегирад, иборат буда, мазмуни кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 181 саҳифаи матни компютерӣ, 32 ҷадвал, 7 расм ва 11 диаграмма баён гардидааст (саҳ. 1-181).

**8. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида**

Унвонҷӯ татбиқи равандҳои амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсияи худро дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида мушаххасан мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки тафсири онро дар шакли зайл мушоҳида кардан осон мебошад.

Боби аввали диссертатсияи унвонҷӯ, ки «Асосҳои назариявӣ ва методии нақши давлат дар рушди низоми иқтисодии минтақавӣ» ном дорад, асосҳои назариявӣ ва методии танзими давлатии рушди иқтисодии минтақа дар шароити муосир, вазифа, шакл ва самаранокии усулҳои танзими давлатии рушди иқтисодии минтақа, таҷрибаи хориҷии танзими давлатии иқтисоди минтақавӣ ва имконияти истифодаи он дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҳамзамон ҷанбаҳои назариявии диссертатсия мушаххас гардидаанд. Дуруст қайд гардидааст, ки дар шароити кунунии иқтисодӣ нақши сиёсати давлатӣ тавассути дастгирии буҷетию молиявии вилояту минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баробарсозии сатҳи рушди онҳо боло рафта истодааст. Дар заминаи танзими давлатӣ тавассути истифодабарии имкониятҳои молиявӣ ва захираҳои табиии минтақаҳо метавонанд рушди иқтисоди миллиро таъмин намоянд (саҳ. 14-45).

Дар боби дуюм - «Таҳлили вазъи муосири иқтисодию иҷтимоӣ ва тамоюлҳои рушди минтақаи Рашт» - ҳолати муосири сатҳи рушди иқтисодӣ - иҷтимоии минтақаи Рашт, арзёбии рушди иқтисодии минтақа бо истифода аз моделҳои эконометрикӣ, имкониятҳои молиявии минтақа ва ҳавасмандгардонии буҷети маҳал ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақавӣ матраҳ гардида, унвонҷӯ имкониятҳои минбаъдаи рушди минтақаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Қайд кардан зарур аст, ки муваффақиятҳои унвонҷӯ дар таҳлил ва арзёбии ҳолати воқеии бахши иқтисодии минтақаи Рашт ва имкониятҳои рушди минбаъдаи он дар сатҳи ҷумҳурӣ мебошад. Илова бар ин гуфтан

зарур аст, ки муваффақиятҳои унвонҷӯро таҳлил ва арзёбии рушди минтақаи Рашт ва истифодаи моделҳои эконометрикӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо асосноккунии баланди заминавӣ доранд (саҳ. 59-99).

Дар боби сеюм - «Самтҳои асосии самаранок гардонидани танзим ва дастгирии давлатии рушди иқтисодии минтақаи Рашт» - дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию молиявии минтақаи Рашт дар давраи миёнамуҳлат, шарикии давлат бо бахши хусусӣ ҳамчун механизми иқтисодии рушди минтақаи Рашт, зарурат ва роҳҳои ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаи Рашт таҳқиқ гардида, натиҷаҳои ба воқеият наздик ба даст оварда шудаанд (саҳ. 118-159).

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз ҳадафҳои олӣ ва стратегии кишвар ин пеш аз ҳама табдил додани Тоҷикистон ба кишвари индустриалӣ-аграрӣ мебошад, ки татбиқи ин ҳадафи олии кишвар дар заминаи рушди минтақаҳои алоҳидаи кишвар имконпазир мегардад ва ин масъаларо дар таҳқиқоти унвонҷӯ мушоҳида кардан мумкин аст. Илова бар ин, дар шароити бамаротиб шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таъсири ҳар гуна омилу хатарҳо ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла Тоҷикистон, зарурати тақвияти рушди иқтисодиёти минтақавӣ баҳри нигоҳ доштани мувозинати иқтисодиёти кишвар имконпазир мегардад, таҳқиқи натиҷавии ин масъаларо бурди унвонҷӯ ҳисобидан мумкин аст. Ҳамчунин, муваффақияти унвонҷӯ дар ҳар як параграфи диссертатсия баръало мушоҳида мегардад.

Дар қисми хулосавӣ натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯро, ки он аз ду қисмати асосӣ иборат аст, ба таври возеҳ дидан мумкин аст (саҳ. 159-163).

## 9. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Бо баробари комёбиҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, чунончӣ:

1. Дар қисмати назариявии диссертатсия аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ кам истифода шуда, методологияи арзёбии самаранокии рушди иқтисодии минтақа пешниҳод нагардидааст.

2. Дар кор ҳиссаи нишондиҳандаи иқтисодии минтақаи Рашт дар иқтисодиёти кишвар ва таъсири он дар бозори дохилии мамлакат нишон дода нашудааст. Чунин таҳлил метавонист ин қисмати корро боз ҳам ҷоннок намояд.

3. Хуб мегардид, агар дар диссертатсия иқтидори иқтисодии минтақаи Рашт дар қиёс бо дигар минтақаҳо ҳисоб карда мешуд.

4. Баъзе таклифу пешниҳодҳои муаллиф вобаста ба модели таҳияшуда (саҳ. 83-99) баҳсталаб буда, асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

5. Дар диссертатсия ҷой додани баъзе хулосабарориҳои илман асосноки муаллиф дар қисмати хулосаи кор мувофиқи мақсад мегардид.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва дараҷаи илмии онро коста намекунанд.

### 10. Мутобиқати автореферати диссертатсия ба муқаррароти мавҷуда

Автореферат муҳтавои асосии кори диссертатсиониро инъикос намуда, навгониҳои илмӣ ва мушахассоти диссертатсияро тавсиф мекунад. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои корро доир ба масъалаҳои таҳияи механизмҳои гуногун ҳамчун асоси рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо шаҳодат медиҳанд.

### 11. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ

Хулосаи умумӣ оид ба кори тақризшаванда чунин аст, ки диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Дар ин асос гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи таҳқиқгардидаи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ комилан мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дарёфтшаванда мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.

Имзои д.и.и., дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпочоев И.Ҳ.

Суроға: 735700, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1,
Тел: (992) 92-766-06-29, (83422) 2-38-11, e-mail: tsulbp@rambler.ru

“04” 03 2024